Ба Шурои диссертатсионии
6D.KOA-014 назди Донишгоҳи
давлатии молия ва иқтисоди
Тоҷикистон (Суроға: 734064,
ш.Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/14)

# ТАҚРИЗИ

***муқарризи расмӣ, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент Ҳалимов Лоиқ Мирзовалиевич ба диссертатсияи Миршарифзода Эмомалӣ Қурбоналӣ дар мавзуи «Воситаҳои қарзӣ ҳамчун сарчашмаи асосии рушди саноати сабук дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.17 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз***

**Мутобиқати диссертатсия ба ихтисосҳо ва самтҳои илмӣ, ки аз рӯйи онҳо диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст.** Диссертатсияи Миршарифзода Эмомалӣ Қурбоналӣ ба талаботи бандҳои 9.1. Назария, методология, консепсияҳо ва принсипҳои асосии муносибатҳои қарзӣ ҳамчун ҷанбаҳои зоҳиршавии низоми қарзӣ, 9.2. Стратегияи ҳамгироии иқтисодиёти Тоҷикистон ба низоми муносибатҳои хоҷагидории ҷаҳонӣ ва низоми пулию қарзии ҷаҳонӣ, 9.3. Рушди инфрасохтори муносибатҳои қарзӣ, фишангҳо, шаклҳо ва методҳои муосири пешниҳоди қарз, 9.6. Қонунҳо ва қонуниятҳои рушди соҳаи қарз, 9.7. Таҳаввулоти муносибатҳои қарзӣ; қонуниятҳо ва тамоюлоти муосири рушди онҳо, иртиботи мутақобилаи қарз бо гардиши пул, молия, бозори молия, тақвияти таъсири қарз ба истеҳсолот ва фурӯши маҳсулоти ҷамъиятӣ, ки дар Шиносномаи номгӯйи ихтисосҳои КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар гардидааст, аз рӯйи ихтисоси 5.2.17 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз мутобиқат мекунад.

**Мубрамияти мавзуи диссертатсия**

Таҳлили қисмати мубрамияти мавзуи таҳқиқоти муаллиф нишон дод, ки он дар шароити муосири рушди иқтисоди миллӣ ва саноатикунонии босуръати кишвар аҳамияти хосса дорад (саҳ. 4-6). Чун дар Ҷумҳурии Тоҷикистон саноати сабук яке аз соҳаҳои афзалиятнок ба ҳисоб рафта, он метавонад барои таъмини шуғли аҳолӣ, баланд бардоштани сатҳи даромад, афзоиши иқтидори содиротии кишвар ва амалигардонии ҳадафи чоруми стратегии мамлакат – саноатикунонии босуръат нақши муҳим бозад. Бо вуҷуди ин, рушди устувори ин соҳа бевосита аз дастрасӣ ба манбаъҳои

молиявӣ, махсусан воситаҳои қарзӣ, вобастагии зиёд дорад. Бояд зикр намуд, ки дар шароити маҳдуд будани захираҳои дохилии корхонаҳо ва норасоии сармоягузории мустақим, қарзҳо ҳамчун яке аз сарчашмаҳои асосии маблағгузорӣ баромад мекунанд. Бо истифодаи самараноки воситаҳои қарзӣ корхонаҳои саноати сабук метавонанд таҷҳизоти худро навсозӣ намоянд, технологияҳои муосирро ҷорӣ созанд ва рақобатпазирии маҳсулоти худро дар бозорҳои дохилӣ ва хориҷӣ баланд бардоранд. Аммо, мушкилоти дастрасӣ ба қарзҳо, фоизҳои баланд ва хавфҳои молиявӣ ҳанӯз ҳам ҳамчун монеаҳои ҷиддӣ боқӣ мемонанд.

Аз ин хотир, таҳқиқи масъалаҳои марбут ба истифодаи воситаҳои қарзӣ, арзёбии самаранокии онҳо ва муайян намудани роҳҳои такмили механизми қарздиҳӣ барои рушди саноати сабук аҳамияти илмӣ ва амалӣ дорад. Маҳз ба ҳамин хотир, таҳқиқоти анҷомдодаи диссертант барои таҳияи сиёсати молиявию иқтисодии давлат, дастгирии соҳибкорӣ ва ҷалби сармоягузорӣ низ муҳим мебошад. Яъне гуфта метавонем, ки зарурати таҳқиқи амиқи нақши воситаҳои қарзӣ ҳамчун омили муҳими рушди саноати сабук ва пешниҳоди тавсияҳои амалӣ барои беҳтар намудани дастрасии корхонаҳо ба манбаъҳои молиявӣ ифода меёбад.

Ҳамзамон, муаллиф вобаста ба мубрамияти мавзу қайд менамояд, ки масъалаи мутобиқсозии барномаҳои давлатии қарздиҳии имтиёзнок бо талаботи воқеии бозори молиявӣ ва механизмҳои амалкунандаи пешниҳоди қарз ҳанӯз ба таври кофӣ таҳқиқ нашудааст (саҳ. 5-6). Ин ҳолат зарурати такмили воситаҳо ва усулҳои ҳамгироии сиёсатҳои давлатӣ бо низоми бозориро ба миён меорад. Аз ин нуқтаи назар, солҳои охир ва ё дар шароити саноатикунонии босуръати кишвар яке аз самтҳои муҳими таҳқиқот таҳияи модели мукаммалест, ки ба коҳиш додани хавфҳои қарзӣ мусоидат намояд. Чунин модел бояд манфиатҳои ҳам бонкҳо ва ҳам қарзгирандагон, аз ҷумла корхонаҳои соҳаи саноати сабукро ба инобат гирифта, заминаи устувор барои дастрасии самаранок ба захираҳои молиявиро фароҳам созад.

Муаллиф низ дар таҳқиқоти худ ба ин масъалаҳо таваҷҷуҳ зоҳир намуда, як қатор тавсияҳои илман асоснокро манзур намудааст. Ҳамзамон, дар доираи баррасии ҷанбаҳои мухталифи мавзуи таҳқиқшаванда, диссертант як силсила натиҷаҳо ва хулосаҳои илмии асоснокро ба даст овардааст, ки ҳамчун дастовардҳои назаррас метавонанд аҳамият ва мубрамияти мавзуъро дар сатҳи зарурӣ инъикос намоянд (саҳ. 170-172). Бо такя ба ин, бояд қайд намуд, ки муаллифи рисола натиҷаҳои таҳқиқотро ба таври мантиқӣ, пайдарпай ва илмӣ асоснок пешниҳод намуда, ба ҳалли вазифаҳои пешгузошташуда ноил гардидааст. Ҳамзамон, ҳадафҳои муайяншудаи

таҳқиқот дар маҷмуъ амалӣ гардида, сатҳи кифоягии анҷомёбии кори илмиро таъмин намудаанд.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертасия бадастомада ва нуктаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд**

Муаллиф дар диссертатсияи илмии худ натиҷаҳои таҳқиқотро дарҷ намудааст, ки онҳо ба баррасии маҷмуи масъалаҳои муҳим равона гардидаанд. Натиҷаҳои таҳқиқот ба ташаккули асосҳои методии истифодаи воситаҳои қарзӣ ҳамчун сарчашмаи калидии рушди соҳаи саноати сабук дар Ҷумҳурии Тоҷикистон марбут мебошанд.

Мавқеи илмии муаллиф дар шакли ҷамъбастшуда дар навгониҳои илмӣ ва нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда таҷассум ёфтааст. Ин нуктаҳо бо тартиби мантиқӣ ва далелнок дар матни диссертатсия инъикос гардида, дараҷаи кофии таҳқиқоти назариявию амалӣ ва саҳми илмии муаллифро нишон медиҳанд. Дар ҳамин замина, диссертант навгониҳои таҳқиқотро бо назардошти хусусиятҳои рушди низоми қарздиҳӣ ва таъсири он ба саноати сабук ба таври мушаххас ва пайдарпай пешниҳод намудааст (Саҳ. 10-13).

- Муаллифи рисола дар навгонии якуми илмии худ ҷанбаҳои назариявӣ ва масъалаҳои консептуалии низоми қарздиҳиро таҳқиқ намуда, моҳият ва қонуниятҳои рушди муносибатҳои қарзиро асоснок кардааст. Ӯ нишон додааст, ки муносибатҳои қарзӣ дар шароити дигаргуниҳои иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон, махсусан дар соҳаи саноат, таҳти таъсири омилҳои институтсионалӣ, аз қабили фаъолияти бонкҳо, ташкилотҳои молиявӣ ва заминаи ҳуқуқӣ ташаккул меёбанд. Дар натиҷа, муаллиф ба хулосае омадааст, ки барои рушди самараноки низоми қарздиҳӣ зарур аст асосҳои назариявӣ такмил дода шуда, хусусиятҳои миллӣ ва шароити иқтисодии кишвар ба назар гирифта шаванд (саҳ. 14-29).

- Дар банди дуюми навгонӣ муаллиф механизмҳои асосии танзими раванди қарздиҳии саноатиро таҳия намуда, шаклҳо ва усулҳои самараноки истифодаи воситаҳои қарзиро дар истеҳсолоти саноатӣ баррасӣ намудааст. Ҳамзамон, таҷрибаи мамлакатҳои хориҷӣ оид ба қарздиҳии соҳаи саноат, махсусан саноати сабук, мавриди таҳлил қарор дода шуда, бартарӣ ва маҳдудиятҳои он муайян шудааст. Дар натиҷа, муаллиф имкониятҳои мутобиқсозии ин таҷрибаи байналмилалиро ба шароити институтсионалии Ҷумҳурии Тоҷикистон асоснок карда, пешниҳод намудааст, ки чӣ гуна метавон унсурҳои муваффақи онро барои такмили низоми қарздиҳии дохилӣ истифода бурд (саҳ. 30-69).

- Дар ин банди навгонӣ муаллиф мушкилоти асосии қарздиҳии бонкӣ ба корхонаҳои саноати сабук дар Ҷумҳурии Тоҷикистонро ошкор намуда, омилҳои маҳдудкунандаи дастрасӣ ба қарз, аз ҷумла сатҳи баланди фоизҳо,

талаботи сахти гарав ва хавфҳои молиявиро таҳлил намуда, таъсири воситаҳои қарзиро ба рушди иқтисодии корхонаҳо асоснок карда, нишон додааст, ки дастрасии беҳтар ба захираҳои қарзӣ метавонад ба афзоиши истеҳсолот, баланд шудани рақобатпазирӣ ва рушди устувори соҳа мусоидат намояд. Илова бар ин, муаллиф мавқеи саноати сабукро дар сохтори умумии истеҳсолоти саноатии миллӣ муайян карда, аҳамияти онро ҳамчун соҳаи муҳими таъминкунандаи шуғл ва рушди иқтисодӣ таъкид сохтааст (саҳ. 71-99).

- Дар банди охирони навгонии илмӣ муаллиф самтҳо ва механизмҳои такмили низоми қарздиҳии бонкиро муайян намуда, роҳҳои баланд бардоштани иқтидори бонкҳои тиҷоратиро пешниҳод сохтааст. Ӯ ба масъалаҳои беҳтар намудани шарту шароити баргардонидани қарзҳо, коҳиш додани хавфҳои қарзӣ ва такмили сиёсати қарздиҳӣ таваҷҷуҳ зоҳир намуда, ҳамзамон, зарурати тавсеаи дастгирии молиявии корхонаҳои саноати сабукро асоснок кардааст. Дар натиҷа, муаллиф пешниҳодҳои амалӣ оид ба рушди низоми қарздиҳӣ пешкаш намудааст, ки метавонанд ба баланд гардидани дастрасии корхонаҳо ба қарз ва рушди устувори соҳа мусоидат намоянд (саҳ. 119-169).

Дар муайянсозии мавқеи илмии муаллиф нисбат ба натиҷаҳои бадастомада ва асоснoккунии онҳо, дар рисола бандҳои зерин ба таври фишурда ҳамчун нуктаҳои барои ҳимоя пешниҳодшаванда оварда шудаанд, аз ҷумла:

1. Муаллифи диссертатсия дар нуктаи якуми ба ҳимоя пешниҳодшаванда асоснок мекунад, ки муҳити институтсионалии низоми молиявию қарзӣ омили калидӣ дар ташаккул ва рушди муносибатҳои байни бахши бонкӣ ва соҳаи саноат мебошад. Ҳамзамон, диссертант таъкид мекунанд, ки ҳангоми ташкили низоми самараноки қарздиҳӣ бояд хусусиятҳои соҳавии истеҳсолоти саноатӣ ба назар гирифта шаванд, зеро ҳар соҳа талаботу имкониятҳои махсуси худро дорад. Дар натиҷа, муаллиф ба хулосае меояд, ки барои рушди устувори қарздиҳӣ зарур аст асосҳои назариявӣ ва моҳияти иқтисодии воситаҳои қарзӣ, инчунин шаклҳои истифодаи онҳо дар истеҳсолоти саноатӣ дақиқ ва равшан муайян карда шаванд (саҳ. 15-30).

2. Дар нуктаи дуюми ҳимояшаванда муаллиф зарурати мутобиқсозии таҷрибаи байналмилалии дастгирии қарзии рушди саноати сабукро ба шароити институтсионалии Ҷумҳурии Тоҷикистон асоснок мекунад. Ӯ таъкид менамояд, ки истифодаи таҷрибаи кишварҳои хориҷӣ танҳо дар сурате самаранок мебошад, ки табдили институтсионалӣ, хусусиятҳои иқтисодии миллӣ ва шароити воқеии соҳа ба инобат гирифта шаванд. Дар

натиҷа, муаллиф ба хулосае меояд, ки чунин мутобиқсозӣ метавонад дастрасии корхонаҳои саноати сабукро ба захираҳои қарзӣ васеъ намуда, ҳадафнокӣ ва самаранокии истифодаи воситаҳои қарзиро дар рушди иқтисоди миллӣ таъмин намояд (саҳ. 49-69).

3. Нуктаи сеюми ҳимояшаванда вазъи муосири низоми қарздиҳии бонкӣ ба корхонаҳои саноати сабуки Ҷумҳурии Тоҷикистон, шароит ва хусусиятҳои амалкунандаи онро муайян намудааст. Натиҷаҳои таҳлили муаллиф нишон медиҳанд, ки дар ин самт як қатор мушкилоти низомсоз, аз қабили маҳдудияти дастрасӣ ба қарз, хавфҳои баланд ва номукаммалии механизмҳои дастгирии молиявӣ мавҷуданд. Ин омилҳо таъсири воситаҳои қарзиро ба рушди соҳа ва таҳкими мавқеи рақобатии он дар сохтори саноати миллӣ коҳиш медиҳанд. Дар маҷмуъ, муаллиф ба хулосае меояд, ки бартараф намудани ин мушкилот барои баланд бардоштани самаранокии қарздиҳӣ ва рушди саноати сабук аҳамияти муҳим дорад (саҳ. 71-118).

4. Дар нуктаи чоруми ҳимояшаванда муаллиф самтҳои асосии такмили низоми қарздиҳии корхонаҳои саноати сабуки Ҷумҳурии Тоҷикистонро асоснок намудааст. Ӯ зарурати баланд бардоштани иқтидори қарздиҳии бонкҳои тиҷоратиро ҳамчун омили муҳим барои афзоиши дастрасии корхонаҳо ба захираҳои молиявӣ таъкид мекунад. Ҳамчунин, беҳтар намудани механизмҳои пешниҳод ва баргардонидани воситаҳои қарзӣ бо мақсади коҳиш додани хавфҳои қарзӣ ва баланд бардоштани самаранокии истифодаи маблағҳо баррасӣ шудааст (саҳ. 119-135).. Илова бар ин, муаллиф тавсеаи дигар воситаҳои дастгирии қарзиро муҳим мешуморад, ки метавонанд ба рушди устувори иқтисодии корхонаҳои саноати сабук мусоидат намоянд (саҳ. 150-169).

Натиҷаҳои нуктаҳои ҳимояшавандаи диссертатсияи муаллиф аҳамияти назариявӣ ва амалӣ дошта, заминаи илмии таҳқиқи низоми қарздиҳии бонкиро дар соҳаи саноати сабук тақвият мебахшанд ва дарки амиқтари нақши муҳити институтсионалӣ, воситаҳои қарзӣ ва механизмҳои дастгирии молиявиро таъмин мекунанд (Саҳ. 14-169). Онҳо мушкилоти мавҷудаи қарздиҳиро ошкор намуда, самтҳои такмили онро асоснок месозанд ва ба беҳтар шудани сиёсати қарздиҳӣ дар сатҳи корхонаҳо ва бонкҳо мусоидат мекунанд. Умуман, натиҷаҳои нуктаҳои мазкур арзиши илмии таҳқиқотро баланд бардошта, асоснокии назариявӣ ва аҳамияти амалии онро тақвият мебахшанд.

**Аҳамияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо**

Аҳамияти илмии натиҷаҳои диссертатсия дар он зоҳир мегардад, ки он дар ғанӣ гардонидани асосҳои назариявии низоми қарздиҳӣ, равшан

намудани моҳияти иқтисодии муносибатҳои қарзӣ ва таҳкими равишҳои илмӣ дар таҳлили таъсири муҳити институтсионалӣ ба рушди саноати сабук ифода меёбад. Аҳамияти амалии натиҷаҳои таҳқиқот дар имконияти истифодаи хулосаҳо ва пешниҳодҳои таҳқиқот дар такмили сиёсати қарздиҳии бонкҳо, беҳтар намудани механизмҳои додан ва баргардонидани қарзҳо, инчунин, баланд бардоштани самаранокии дастгирии молиявии корхонаҳои саноати сабук зоҳир мегардад. Аҳамияти иқтисодии натиҷаҳо бошад, дар мусоидат ба афзоиши ҳаҷми истеҳсолот, баланд шудани рақобатпазирии корхонаҳо ва беҳтар гардидани истифодаи захираҳои молиявӣ инъикос меёбад. Аҳамияти иҷтимоии натиҷаҳои таҳқиқот дар таъсиси ҷойҳои нави корӣ, беҳтар шудани сатҳи зиндагии аҳолӣ ва рушди шуғлнокӣ дар соҳаи саноати сабук ифода мешавад. Бо мақсади истифодаи самараноки натиҷаҳо тавсия дода мешавад, ки онҳо дар фаъолияти бонкҳои тиҷоратӣ, мақомоти танзимкунандаи соҳаи молия ва корхонаҳои саноатӣ татбиқ гардида, ҳангоми таҳияи барномаҳои давлатӣ оид ба рушди саноати сабук ба инобат гирифта шаванд. Чун тавсияҳои илмии муаллиф дастгирӣ ва рушди саноати сабукро дар сатҳи зарурӣ инъикос намуда, моҳияти назариявӣ ва амалии таҳқиқотро пурра ифода мекунанд. Аз ин нуқтаи назар, натиҷаҳои таҳқиқот ва тависяҳои пешниҳоднамудаи муаллиф қобилӣ дастгирӣ мебошанд.

**Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ**

Вобаста ба мавзуи таҳқиқот аз ҷониби муаллифи диссертатсия 19 мақолаи илмӣ бо ҳаҷми умумии 8,2 ҷузъи чопӣ (аз ҷумла 5,4 ҷузъи чопӣ ба қалами муаллиф) ба нашр расонида шудааст, ки аз онҳо 9 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп гардидааст.

**Мутобиқати диссертатсия ва автореферати он ба талаботҳои “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ”**

Диссертатсия ва автореферати муаллиф ба талаботи Шиносномаи феҳристи ихтисосҳои тасдиқнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон №267 аз 30.06.2021) аз рӯйи ихтисоси 5.2.17 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз мутобиқат намуда, сохтор, мазмун ва тарзи таҳияи онҳо ба меъёрҳои муқаррargардида ҷавобгӯ мебошад. Диссертатсия аз лиҳози сохтор, таркиб, ҳаҷм ва истифодаи маводи таҳлилию илмӣ ба талаботи санадҳои меъёрии амалкунандаи КОА мутобиқат мекунанд. Автореферати муаллиф низ мазмуни асосии таҳқиқотро дар шакли фишурда ва мантиқӣ инъикос намуда, мувофиқати пурраи он бо мазмуни диссертатсия таъмин гардида ва ба

талаботи муқаррargardидаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии КОА ҷавобгӯ мебошад.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот**

Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот дар он ифода меёбад, ки боби 1-уми диссертатсия – "Асосҳои назариявию методологии рушди муносибатҳои қарзӣ дар саноат" ба таври мустақилона таҳқиқ гардида, таҳаввулоти онҳо, моҳияти иқтисодии воситаҳои қарзӣ ва шаклҳои истифодаи онҳо дар истеҳсолоти саноатӣ асоснок карда шудаанд. Ҳамзамон, имконияти мутобиқсозии таҷрибаи байналмилалии қарздиҳӣ ба шароити институтсионалии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳлил ва хулосаҳои илмии дахлдор пешниҳод гардидаанд (Саҳ. 14-70). Дар боби 2-юм аз ҷониби муаллиф - "Таҳлили вазъи муосири қарздиҳии бонкӣ ба саноати сабук дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" мавриди омӯзиш ва арзёбии амиқ қарор гирифта, хусусиятҳои таъмини корхонаҳо бо воситаҳои қарзӣ, мушкилоти мавҷудаи низомсоз ва таъсири қарздиҳӣ ба рушди соҳа ва мавқеи рақобатии он дар сохтори саноатӣ ошкор ва асоснок карда шудаанд (Саҳ. 71-99). Дар боби 3-юми диссертатсия бошад, "Самтҳои такмили қарздиҳии бонкӣ ба саноати сабуки Ҷумҳурии Тоҷикистон" таҳия ва пешниҳод гардида, механизмҳои баланд бардоштани иқтидори бонкҳои тиҷоратӣ, такмили равандҳои пешниҳоду баргардонидани қарзҳо ва самтҳои стратегии рушди саноати сабук дар асоси тавсеаи дастгирии қарзӣ аз нигоҳи илмӣ асоснок карда шудаанд (Саҳ. 119-169).

Умуман, саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот дар он зоҳир мегардад, ки тамоми қисмҳои кори диссертатсионӣ, яъне аз таҳлили асосҳои назариявӣ то таҳқиқи вазъи муосир ва коркарди самтҳои такмил дар асоси омӯзиши мустақилона, ҷамъбасти маводи илмӣ ва таҳлили маълумоти амалии соҳаи қарздиҳӣ анҷом дода шудаанд. Довталаб мустақилона хусусиятҳои рушди муносибатҳои қарзӣ дар саноат, нақши муҳити институтсионалӣ ва моҳияти воситаҳои қарзиро муайян намуда, инчунин таҷрибаи байналмилалиро бо шароити Тоҷикистон муқоиса ва мутобиқ кардааст. Илова бар ин, мушкилоти мавҷудаи қарздиҳии бонкӣ ба саноати сабук ошкор ва дар асоси онҳо пешниҳодҳои илмӣ ва тавсияҳои амалӣ барои такмили низоми қарздиҳӣ таҳия гардидаанд, ки дорои арзиши назариявӣ ва амалии баланд мебошанд.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия**

Аз таҳлили натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионии диссертант маълум мегардад, ки онҳо дар шакли гузоришҳои илмӣ ва тавсияҳои амалӣ пешниҳод гардида, дар конференсияҳои байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ, аз қабили «Афзалиятҳои рушди бахши молиявӣ дар давраи гузариш ба иқтисодиёти

рақамӣ» (ш. Душанбе, 2023), «Механизмҳои таъмини устувории молиявии ташкилотҳои қарзӣ дар шароити саноатикунонӣ ва иқтисодиёти инноватсионӣ» (ш. Душанбе, 2023), «Масоили рушди баҳисобгирии муҳосибӣ, молия ва менеҷмент дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт ва такмили ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» (н. Рашт, 2024) ва дигар форумҳои илмӣ баррасӣ гардида, баҳои мусбат гирифтаанд. Тавсияҳои амалии пешниҳоднамудаи муаллиф оид ба такмили қарздиҳии бонкҳо ба корхонаҳои саноати сабук пешниҳод шуда, дар фаъолияти КВД БА ҶТ «Амонатбонк» татбиқ гардидаанд (санад аз 27.08.2025, филиали №76 дар ноҳияи Рашт). Ҳамзамон, нуктаҳои асосии назариявӣ ва амалии таҳқиқот дар раванди таълим дар Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт ҳангоми омӯзиши фанҳои «Муомилоти пулӣ ва қарз», «Амалиётҳои бонкӣ» ва «Фаъолияти бонкӣ» истифода мешаванд (санади №22/251 аз 23 декабри соли 2024).

**Камбудиҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ**

Муаллифи рисолаи илмӣ Миршарифзода Э.Қ. дар таҳиқи мавзуи «Воситаҳои қарзӣ ҳамчун сарчашмаи асосии рушди саноати сабук дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» вобаста ба натиҷаҳои бадастоварда дар сатҳи талаботҳои мавҷуда муваффақ ҳам шудааст. Лекин, дар баробари ҳамаи ин дастовардҳо баъзе норасоӣ ва камбудиҳоро низ вохурдан мумкин аст, ки аз масъалаҳои зерин иборат ҳастанд:

1. Сарфи назар аз арзёбии натиҷаҳои интизорӣ вобаста ба натиҷаҳои таҳқиқот, фарзияи таҳқиқот номукаммал буда, бояд баъзе ҷузъиётҳои интизоришаванда инъикос мегардиданд;

2. Сифати рисола беҳтар мегардид, агар муаллиф дар боби якуми рисола ба таври системавӣ ваоситаҳои қарзиро, ки аз кадом унсурҳо иборат ҳастанд, нишон медод;

3. Дар боби дуюми рисолаи илмӣ баъзе таҳлилҳо хосияти муқоисавӣ дошта, дар он мавқеи муаллифӣ норӯшан боқӣ мондааст;

4. Хулосаи боби дуюми таҳқиқот беҳтар мегардид, агар бандҳои он бо факту рақамҳо дар сатҳи зарурӣ асоснок мегардид;

5. Номи зербоби сеюми боби 3-и диссертатсия бояд мувофиқ ба мушкилотҳои ҷойдошта ва роҳҳои рушди воситаҳои қарзӣ таҳия мегардид;

6. Диссертатсияи муаллиф дорои баъзе аз камбудиҳои имлогӣ ва услубӣ мебошад.

Зикр намудан бамаврид аст, ки камбудиҳои дар боло ишорашуда хусусияти ҷузъӣ дошта, ба мазмун, муҳтаво, сохтор ва сатҳи илмии диссертатсия ҳеҷ гуна таъсири назаррас намерасонанд. Онҳо ба арзиши

назариявӣ, аҳамияти амалӣ, навоварии илмии таҳқиқот, хулосаҳои асосӣ ва натиҷаҳои бадастомадаи муаллиф халал ворид намесозанд.

**Хулосаи умумӣ доир ба диссертатсия**

Диссертатсияи Миршарифзода Эмомалӣ Қурбоналӣ дар мавзуи “Воситаҳои қарзӣ ҳамчун сарчашмаи асосии рушди саноати сабук дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.17 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз ба талаботи “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ”, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон №267, аз 30 июни соли 2021, инчунин, бо назардошти тағйиру иловаҳо ба қарори Ҳукумати ҶТ аз 26.06.2023 №295 тасдиқ карда шудааст, мувофиқат менамояд. Аз ин нуқтаи назар, метавон хулоса намуд, ки диссертатсияи мазкур кори комилан мукаммал ва анҷомёфтаи илмӣ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.17 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз мебошад.

**Муқаррizi расмӣ:**
Номзади илмҳои иқтисодӣ,
дотсенти кафедраи молия,
фаъолияти бонкӣ ва суғуртаи
Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон **Ҳалимов Л.М.**

**Имзои Ҳалимов Л.М.-ро тасдиқ мекунам:**
Сардори шуъбаи кадрҳо
ва корҳои махсуси Донишгоҳи
давлатии тиҷорати Тоҷикистон **Пирзода С.С.**

Суроға: 734061, ш. Душанбе, кӯчаи Деҳотӣ ½, Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. Телефон: +992 934 444 186, Email: loik.halimov@mail.ru

“17” 04 соли 2026